**Тақриз**

**ба диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна таҳти унвони «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ки дар Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ иҷро шудааст.**

Таҳқиқи муқоисавӣ дар самти грамматика ҳамеша аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад, зеро он бахши асосии забонҳо ба ҳисоб рафта, омӯзиши муқоисавии он аз аҳамият холӣ нест.

Диссертатсияе, ки аз ҷониби Саидова М.А. дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ» навишта шудааст, маҳз ба таҳқиқи муқоисавии қоидаҳои грамматикӣ бахшида шудааст ва хусусиятҳои хоси грамматикаи забонҳои муқоисашавандаро фаро мегирад.

Тавре ки муҳаққиқ дар автореферати диссертатсия пешниҳод менамояд, диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар муқаддимаи таҳқиқот оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия сухан меравад.

Боби якуми диссертатсия «Мушкилоти омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикию англисӣ» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳои хоси мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ ва муқоисаи он бо забони тоҷикӣ » унвон дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Боби сеюми диссертатсия «Усулҳои ифодаи навъҳои гуногуни ҷумлаҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи маводи “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ » номгузорӣ карда шуда, аз се фасл иборат аст. Дар хулоса муаллиф нукоти асосии таҳқиқотро дар асоси маводи мушаххаси амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, андешаҳои хешро бо хулосаву натиҷаҳои арзишманд ҷамъбаст намудааст.

Мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ яке аз мавзӯъҳои мубрам ва баҳснок дар забоншиносии муқоисавӣ маҳсуб меёбад, зеро нутқи мазмунан нақлшудаи забони англисӣ қоидаҳои хоси худро дорад, ки дар диссертатсия муҳаққиқ онҳоро ба таври васеъ дар заминаи асари бадеӣ таҳқиқ намудааст. Пешниҳод ва хулосаҳои муаллифи диссертатсия барои омӯзиши минбаъдаи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикиву англисӣ мусоидат карда метавонанд.

Яке аз масъалаҳое, ки муҳаққиқ ба риштаи таҳқиқ кашидааст, қоидаи мутобиқатии замонҳои забони англисӣ мебошад, ки он нисбат ба забони тоҷикӣ хусусиятҳои хос, тафовут ва дар баъзе ҳолатҳо умумият дорад. Мушоҳида мешавад, ки муаллиф тавонистааст паҳлуҳои нозуки масъаларо таҳқиқ намояд ва ба хулосаҳои умумӣ ояд, ки онҳо дар забоншиносии муқоисавӣ андешаҳои нав ва дақиқ ба ҳисоб мераванд.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуни рисоларо пурра инъикос менамояд ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ҳам ба талабот ҷавобгӯ аст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф гардидани диссертатсия, дар он баъзе камбудиву норасоиҳо ба чашм мерасанд, ки мо чанде аз онҳоро дар шакли пешниҳод барои хубтар шудани кор пешниҳод менамоем:

1. Хуб мешуд, агар нутқи мазмунан нақлшуда дар доираи якчанд асарҳои бадеӣ таҳқиқ мегардид, зеро ин амал боиси васеътар омӯхтани мавзӯъ ва ба даст овардани маводи иловагӣ мегардид. Ин амал ба раванди таҳқиқот низ мусоидат карда, корро дар ин самт осонтар менамуд.

2. Дар баъзе ҷойҳои автореферат ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо ислоҳпазиранд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ», дуруст ва пурра буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
номзади илми филология Носиров С.М.

**Маълумот барои иртибот:**
**Суроғаи корӣ:**734055 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Н.Карабаева – 63/3
**Тел:**+992(37) 234 07 52 корӣ., +992(37) 93 893 39 29 моб.
**E-mail:**nsabur@mail.ru

Имзои мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, номзади илми филология С.М. Носировро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ Бухориев Н.А.

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ